**ПРОТОКОЛИ № 45.2**

**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 26.11.2025** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, № 289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, ки 5 нафар доктордони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар мавзуи «Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдуқодирӣ Х.А. ва аъзои комиссия, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Саиджонов С.Ш., н.и.и., дотсент Назаров Хуршед Собирҷонович оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар мавзуи «Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар мавзуи «Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти

Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар мавзуи «Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон;

- Игамназаров Нурбек Имомназарович, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрукии МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд».

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 07 феврали соли 2026, соати 09:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саиджонов С.Ш.**